Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14 http://www.tgfeu.tj/tj)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсия Сафаров Илҳом Нурмаҳматович «Маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2.17 — Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Автореферати диссертатсияи Сафаров Илҳом Нурмаҳматович ба масъалаҳои муҳими назариявӣ ва амалӣ оид ба маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва таҳкими равандҳои ислоҳоти иқтисодӣ, масъалаи таъмини устувори сармоягузорӣ ва такмили механизмҳои маблағгузории он аҳамияти махсуси илмӣ ва амалӣ пайдо менамояд.

Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи рушди иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани самаранокии сиёсати сармоягузорӣ мутобиқ мебошад. Дар шароити маҳдудияти захираҳои молиявӣ ва зарурати ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ, такмили механизмҳои маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ яке аз омилҳои асосии таъмини рушди устувори иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, интихоби мавзуъ саривақтӣ ва дорои аҳамияти баланди илмӣ мебошад.

Дар автореферат муаллиф кӯшиш намудааст, ки асосҳои назариявии маблағгузории фаъолияти сармоягузориро такмил дода, хусусиятҳои ташаккули манбаъҳои молиявӣ ва механизмҳои ҷалби сармояро дар иқтисодиёти миллӣ таҳлил намояд. Навгонии илмии таҳқиқот дар муайян намудани роҳҳои самаранокгардонии низоми маблағгузории сармоягузорӣ, рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ, инчунин такмили воситаҳои молиявии ҷалби сармоя инъикос ёфтааст.

Муаллиф масъалаҳои вобаста ба таъсири омилҳои дохилию хориҷӣ ба фаъолияти сармоягузорӣ, такмили сиёсати молиявӣ ва баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории иқтисодиёти кишварро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Пешниҳодҳои пешниҳодшуда метавонанд барои рушди назарияи молия ва сармоягузорӣ саҳми назаррас гузоранд.

Натиҷаҳо ва тавсияҳои дар автореферат пешниҳодшуда метавонанд дар таҳияи сиёсати давлатии сармоягузорӣ, барномаҳои рушди иқтисодӣ, инчунин дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва сохторҳои молиявӣ истифода шаванд. Пешниҳодҳои муаллиф оид ба такмили механизмҳои маблағгузории сармоягузорӣ, диверсификатсияи манбаъҳои молиявӣ ва рушди бозорҳои молиявӣ дорои аҳамияти амалӣ мебошанд.

Автореферат бо истифода аз усулҳои таҳлили иқтисодӣ-оморӣ, муқоисавӣ ва системавӣ таҳия гардидааст. Муаллиф аз маълумоти оморӣ,

санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва корҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ истифода бурдааст, ки ин боиси асоснокии хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда мегардад.

Дар баробари дастовардҳои назаррас, метавон зикр намуд, ки:

- Дар автореферат таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ зикр гардидааст, аммо таҳлили муқоисавии он метавонад боз ҳам амиқтар ва муфассалтар пешниҳод мешуд, беҳтар мебуд;
- Баъзе пешниҳодҳои муаллиф оид ба такмили механизмҳои маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ хусусияти назариявӣ дошта, агар бо мисолҳои мушаххаси амалӣ ва ҳисобҳои иқтисодӣ таҳлил мегаштанд хуб мешуд.

Хулоса, дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Сафаров Илҳом Нурмаҳматович таҳқиқоти анҷомёфтаи мустақилонаи илмӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки диссертатсия ба талаботи дахлдори «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгуй буда, муаллиф барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
н.и.и., дотсент мудири шуъбаи
иқтисоди сабз ва рушди устувори
Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ Юнусзода Х.Қ.

Имзои Юнусзода Х.Қ.-ро тасдиқ мекунам

Сардори шуъбаи кадрҳои
Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ Махсутшоева З.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 734024, кӯчаи Мирзо Ризо 6А. Почтаи эл.: info@ied.tj, Тел: +992 (37) 221-67-50; +992 (37) 221-57-65, Факс: +992 (37) 221-67-50